# НАВРӮЗИ ДИЛАФРӮЗ МУБОРАК БОД!

№3 (114)
26 марти соли 2018

МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН / АРХИТЕКТУРА И СТРОИТЕЛЬСТВО

РӮЗНОМАИ
БИНОКОРОН
Строительная газета

e-mail: binokoritoj@mail.ru
www.tajsohtmon.tj

Аз августи соли 2007 нашр мешавад
Издаётся с августа 2007 года
Нашрияи Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
Издание Комитета по архитектуре и строительству при Правительстве Республики Таджикистан

ДАР ИН ШУМОРА:

МУЛОҚОТ БО ЗИЁИЁНИ МАМЛАКАТ




>> 3 >>

СЕМИНАР-МАШВАРАТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



>> 4-5 >>

ЗИ КӮИ ЁР МЕОЯД, НАСИМИ БОДИ НАВРӮЗӢ...




>> 8-9 >>

# НАВРӮЗ МУБОРАК, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!

## *СУХАНРОНИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ ТАҶЛИЛИ ҶАШНИ НАВРӮЗ ДАР НАВРӮЗГОҲИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ*

Ҳамватанони азиз!
Меҳмонони арҷманд!
Ҳозирини гиромӣ!

Ҷашни байналмилалии Наврӯз – Соли нави мардумони ориёиро, ки якҷо бо фасли баҳор, яъне айёми эҳёи табиат сарзамини мо, аз ҷумла, пойтахти азизамон – шаҳри Душанберо боз ҳам дилкашу зебо гардонидааст, ба кулли мардуми мамлакат ва ҳамаи сокинони пойтахти кишвари соҳибистиқлоламон табрик мегӯям.

Наврӯз, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шарофати истиқлолияти давлатӣ бо тамоми ғановату рангорангии он эҳё гардид, ҳоло ба ҷашни милливу давлатии мо – тоҷикон ва рамзи худшиносиву ифтихори миллӣ, ваҳдату ҳамдилии мардум ва пайванди наслҳо табдил ёфтааст.

Наврӯз, дарвоқеъ яке аз куҳантарин ҷашнҳои мардумӣ буда, таърихи беш аз шашҳазорсола дорад.

Таҷлили Наврӯз аз қадимтарин замонҳо то ба имрӯз ҷузъи таркибии ҳастиву ҳувияти қавмҳои ориёӣ, аз ҷумла тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Далели асосии умри тӯлонӣ доштани Наврӯз табиӣ будани он аст. Зеро маҳз дар арафаи Наврӯз табиат эҳё шуда, замин қабои сабз ба бар менамояд, марди деҳқон ба кишти баҳорӣ оғоз мекунад ва бо умеду нияти ба даст овардани ҳосили фаровон ба замин дона кишт мекунад.



Дигар ин, ки Наврӯз айёми тавозуни байни табиат ва инсон буда, баробари дигаргунии куллӣ дар табиат руҳи инсонро низ ба куллӣ тағйир медиҳад ва ӯро ба рӯзи неку рӯзгори обод умедвор месозад.



Наврӯз бо ҳама ҳусни табииву заминиаш намунаи як фарҳангу тамаддуни олӣ ба ҳисоб рафта, аз давраҳои дерин барои муҳаббату самимият ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати байни инсонҳо заминаи беҳтарини маънавӣ фароҳам овардааст.

Дар робита ба ин, бояд гуфт, ки яке аз ҷанбаҳои асосии фалсафаи Наврӯз ба сифати ҷашни моҳиятан оммавию мардумӣ дар баробарӣ миёни одамон зоҳир мегардад. Яъне Наврӯзро хурду бузург озодона ҷашн мегиранд ва баробар хурсандӣ мекунанд.

Наврӯзи имсола барои мо ҷашни таърихӣ мебошад.

Дар рӯзи ин ҷашни бостонӣ ва рӯзи ҷаҳонии об Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар ҷаласаи махсуси худ Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028”-ро расман оғоз бахшид.

Ин рӯйдод дар ҳақиқат мояи ифтихори кулли мардуми Тоҷикистон аст.

Зеро ташаббуси чоруми кишвари мо дар сатҳи глобалӣ ва ба хотири ҳалли яке аз мушкилоти асосии зиндагии аҳли башар – дастрасӣ ба оби тозаи ошомиданӣ дар муддати даҳ соли оянда дар миқёси сайёра

>> Давомаш дар саҳ. 2 >>

# ИШТИРОКИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ЧОРАБИНИИ МАҶМАИ УМУМИИ СММ ТАҲТИ УНВОНИ “ОБ ВА ЭНЕРГИЯ: ДАРЁФТИ АЛОҚАМАНДИИ БАЙНИ ҲАДАФҲОИ ШАШУМ ВА ҲАФТУМИ РУШДИ УСТУВОР”




22 марти соли 2018 дар ҳошияи Оғози Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар чорабинии Маҷмаи Умумии СММ таҳти унвони “Об ва энергия: дарёфти алоқамандии байни Ҳадафҳои шашум ва ҳафтуми рушди устувор” иштирок ва суханронӣ карданд.

Нахуст Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба созмондиҳандагони ҳамоиши мазкур изҳори сипос намуда, иброз доштанд, ки Тоҷикистон ҷонибдори пешбурди раванди ҳалли самараноки масъалаҳо дар соҳаи обу энергетика буда, ният дорад, ки бо ҳамаи тарафҳои манфиатдор ҳамкории фаъолро ба роҳ монад.

Президенти мамлакат таъкид доштанд, ки гидроэнергетика омили муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар бисёр кишварҳо боқӣ мемонад ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дорои захираҳои бузурги об ва иқтидори гидроэнергетикӣ мебошад, ҳамеша омодагии хешро барои ҳамкорӣ бо ҳама ҷонибҳои алоқаманд, пеш аз ҳама, бо кишварҳои ҳамсоя, дар самти истифодаи самаранок, мутақобилан судманд ва оқилонаи захираҳои обу энергетика ба манфиати кулли кишварҳои минтақа изҳор медорад.

Таъкид гардид, ки азхудкунии муштараки ин иқтидори азим метавонад ба ҳалли фарогири як қатор масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва экологии Осиёи Марказӣ мусоидат намояд.

Аз ҷумла, ин тадбир дар навбати аввал ба таъмини амнияти обӣ ва обтаъминкунии кафолатнок барои обёрии заминҳои тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ дар хушксолиҳо тавассути танзими бисёрсола ва мавсимии маҷрои об дар обанборҳо, ҳамчунин ба пешгирии ҳолатҳои фавқулодаи вобаста ба об, мисли селу обхезӣ, мусоидат мекунад. Дуюм бахрабардорӣ аз иқтидори бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки минтақа бо қувваи барқи дастрас ва аз лиҳози экологӣ тоза таъмин шавад ва ҳамзамон барои татбиқи Ҳадафи ҳафтуми рушди устувор мусоидат сурат гирад. Дар ниҳоят истифодаи захираҳои гидроэнергетикии мамлакат инчунин ба коҳиши назарраси паҳншавии гази карбон дар атмосфера мусоидат мекунад.

Дар охир Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори умед намуданд, ки чорабинии имрӯза дар мавриди муҳокимаи вобастагии мутақобил байни захираҳои об ва энергетикӣ, инчунин барои таҳияи тавсияҳои мушаххас оид ба истифодаи фарогир, оқилона ва устувори захираҳои табиӣ саҳми иловагии худро хоҳад гузошт.

Баъди суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбарони як қатор ниҳодҳои СММ, аз ҷумла, Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид, ниҳоди СММ-Об, ЮНИСЕФ ва дигарон баромад карда, ҳалли мушкилоти обро аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ арзёбӣ карданд ва ба ҷониби Тоҷикистон барои пешниҳоди тадбири навбатӣ баҳри ҳаллии мушкилоти глобалии сайёра баҳои баланд доданд.

***АМИТ «Ховар»***

# НАВРӮЗ МУБОРАК, ҲАМВАТАНОНИ АЗИЗ!

<< Идома аз саҳ. 1 <<

амалӣ мегардад.

Вобаста ба ин, мехоҳам хотирнишон созам, ки ҳарчанд мо дар саргаҳи обҳои мусаффо қарор дорем, бояд ба шукронаи ин неъмати бузурги табиат ҳамеша сариштакор бошем ва аз захираҳои об оқилонаву сарфакорона истифода намоем.

Ҳамдиёрони азиз!

Шаҳри Душанбе ҳамчун маркази сиёсии давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар рушди фарҳанги миллӣ ва таҳкими маънавиёти ҷомеа нақши калидӣ дорад.

Ҳамзамон бо ин, сокинони пойтахти кишвари азизамон дар таҳкими давлатдории миллӣ нақши арзишманд бозида, дастовардҳои Ватани маҳбубамонро дар арсаи байналмилалӣ ба таври шоиста муаррифӣ мекунанд.

Итминон дорам, ки сокинони пойтахт минбаъд низ барои татбиқи барномаҳои қабулкардаи Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла, ба хотири амалӣ гардонидани нақшаи чорабиниҳои вобаста ба «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» саҳми арзишманду ватандӯстонаи худро мегузоранд.

Имрӯз пойтахти кишварамон ба маркази тарғиби ҳунарҳои мардумӣ ва дастгириву рушди суннату ойинҳои бостонии халқамон табдил ёфтааст.

Дар ин шаҳри зебо мунтазам озмунҳои гуногун ва намоиши ҳунарҳои мардумӣ баргузор мешаванд, ки дар онҳо намунаҳои ҳунарҳои мухталифи халқӣ аз шаҳру ноҳияҳои мамлакат ба намоиш гузошта мешаванд.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ изҳор намоям, ки ин иқдоми хуб, хусусан, дар давраи омодагӣ ба наврӯзи имсола ва рӯзҳои таҷлили он густаришу вусъати бештар пайдо кард.

Итминон дорам, ки кулли мардуми кишвар, аз ҷумла, сокинони бонангу номуси шаҳри Душанбе бо шукронаи соҳибистиқлоливу соҳибватанӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ дар оянда низ ба хотири таҳкими иқтидори иқтисодии давлатамон, ободиву пешрафти Ватани маҳбубамон, рӯзгори боз ҳам осудаи ҳар як оилаи Тоҷикистони азизамон бо ҳисси баланди милливу ватандорӣ саъю талош хоҳанд кард.

Дар ин лаҳзаҳои бисёр фараҳбахши идона бори дигар кулли мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамаи сокинони пойтахтро ба ифтихори Наврӯз - ҷашни бузурги миллӣ ва Соли нави аҷдодиамон табрик гуфта, ба ҳар яки шумо тандурустиву сарбаландӣ, иқболи нек ва рӯзгори пурфайз орзу менамоям.

Наврӯзи фархундапай муборак бошад, ҳамдиёрони азиз!

## НАВРӮЗАТОН ФИРӮЗ БОД!

**Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол**

*Ҳамкасбони муҳтарам, сохтмончиён, меъморон, лоиҳакашон, собиқадорони соҳаи сохтмон ва меъморӣ, дӯстони азиз!*

Бо арзи эҳтиром ва камоли хушнудӣ ҳамаи шуморо бо фарорасии Наврӯзи хуҷастапай самимона муборакбод намуда, бароятон саломатӣ, ободии рӯзгор, бахту барор ва комёбиҳои беназирро таманно менамоям.

Ҷашни фархундаи Наврӯз чун падидаи нодиру бузурги табиат таҷассумгари рамзи рӯшноӣ ва тантанаи адолату накӯкорӣ, дӯстиву ҳамдилӣ, иди сафо ва эҳёи табиат аст.

Имрӯзҳо дар фазои софу беғубор ва сулҳпарвари сарзамини куҳанбунёд ва муҳити созандаю бунёдкори Ватани маҳбубамон накҳати ин ҷашни зебои аҷдодиамон - Наврӯзи дилафрӯз танинандоз асту аз шарофати он қалби пиру барноро эҳсоси гуворою фараҳбахш фаро мегирад. Наврӯз ҳамчун рукни худшиносии миллӣ, василаи муҳими пайванди наслҳо, робитаи гузаштаю имрӯз, эҳёи анъанаҳои зебоипарастӣ, инсондӯстӣ, ҳамдигарбахшӣ ва расидан ба қадри зиндагии хушу хуррамона аст.

Боиси ифтихор ва сарфарозии бузурги ҳар яки мост, ки имрӯзҳо тамоми сокинони кишвари маҳбубамон аз хурд то бузург ҷашни Наврӯзи ҷаҳониро дар шароити сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва бо самимияти хосаву нишоту хушҳолии беандоза истиқбол мегиранд.

Бе шак қадами муборакии Наврӯзи хуҷастапай имсол низ ба мардуми соҳибфарҳанги мо ҷиҳати мунаввар намудани роҳи аҳли ҷомеа ва ободгариву созандагӣ муждаҳои тоза ба бор меорад, моро дар иҷрои корҳои созандагӣ руҳу тавони тоза мебахшад ва барои ҳар як сокини ин сарзамини биҳиштосо рӯзи хушу соли накӯ ато менамояд.

Бигзор файзу баракати баҳорон ва Наврӯзи оламафрӯз ба зиндагии ҳар фарди кишварамон рангу тароватӣ тоза ато кунад, дастархони ҳар хонадон пур аз нозу неъмат гардад, ваҳдати байналмилалии мо ҷовидона ва сулҳу субот дар саросари олам пойдор бошад!

***Наврӯзатон фирӯз бод,***
***Ҳар рӯзатон Наврӯз бод!***

# МУЛОҚОТ БО ЗИЁИЁНИ МАМЛАКАТ




19 марти соли 2018 дар Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар остонаи ҷашни фархундаи Наврӯзи байналмилалӣ чун анъанаи накуи баҳорӣ бо зиёиёни мамлакат мулоқоти самимию судманд анҷом доданд.

Дар оғоз Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кулли мардуми шарифи тоҷик, ҳамзабонони бурунмарзӣ, мардумони ҳавзаи тамаддуни Наврӯз ва ҳамаи зиёиёни мамлакатро ба ифтихори ин ҷашни хусравонӣ самимона шодбош гуфта, ба ҳамаи онҳо дар Соли нави аҷдодӣ бахту нишот, сулҳу субот, ваҳдати ҷовидона ва ба зиёиёни кишвар нерӯи тоза ва илҳоми эҷодӣ орзу карданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо итминон иброз доштанд, ки аҳли зиёи мамлакат, олимону донишмандон, муаррихон минбаъд ба омӯзиш ва таҳқиқи асолати таърихии ҷашни Наврӯз таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, аҳли эҷод беҳтарин асарҳои худро ба ин мавзуъ мебахшанд ва нақши ҷаҳонии онро дар таҳкими сулҳу субот, дӯстиву бародарӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва равобити судманди тамаддунҳо боз ҳам равшану возеҳ месозанд.



Барои ба насли оянда шинос кардани ғояҳои давлатдорӣ, таҳкими сулҳу субот ва арзишҳои фарҳанги миллӣ дастур доданд, ки зиёиёни кишвар бояд бо мардум, аз ҷумла, наврасону ҷавонон мунтазам вохӯриҳо гузаронида, аҳамияти онҳоро фаъолона тарғиб намоянд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки мо ба нерӯи созандаи зиёиёни Ватан бовару эътимод дорем ва минбаъд низ пайваста ба ин нерӯ такя карда, дар иттиҳоду ҳамбастагӣ давлат ва ҷомеаро ба сӯйи пешрафту тараққиёт раҳнамоӣ хоҳем кард.

Чун соли 2018 аз ҷониби Президенти мамлакат "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" эълон гардидааст, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳозирин дар бораи ҳадафҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт андешаҳои ҷолиб баён доштанд.

Дар охир Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар зиёиёни мамлакат ва мардуми кишварро ба ифтихори ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ самимона табрик гуфта, ба онҳо саодати зиндагиро орзу намуданд.

Баъди суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор иштирокчиёни мулоқот - Сулаймони Аҳтам - Шоири ҷавон, роҳбари маҳфили «Адибони ҷавон»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Насима Қосимӣ - Аспиранти соли дуюми Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рӯдакии Академияи илмҳо ва Низом Қосим - Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон баромад карда, оид ба дастгириҳои амиқи Пешвои миллат аз рушди бахшҳои иҷтимоӣ, ҷонибдории ташаббусҳои аҳли зиёи мамлакат, эълони соли 2018 ҳамчун "Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" ва дигар тадбирҳои созандаи Ҳукумати кишвар ибрози назар намуданд.

# ТОҶИКИСТОН ВАТАНИ НАВРӮЗ АСТ

Бо иштироки кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаи хурд вобаста ба ҷашни Наврӯз ва таърихи пайдоиши он доир гашт.

Бояд гуфт, ки манша ва замони пайдоиши Наврӯз, ба дурустӣ маълум нест. Аммо ин ҷашн таърихи зиёда аз 5 ё 6 ҳазорсола дорад ва куҳантарин оини миллӣ дар ҷаҳон ба шумор меравад. Ин нуктаро дар ҷаласа Сафаров Довудҷон сармутахассиси Раёсати шаҳрсозии Кумита бо такя ба манобеъ қайд намуд. Дар идома ӯ ишора кард, ки шоҳ Ҷамшед ё Каюмарс ба унвони поягузори Наврӯз муаррифӣ шудаанд ва дар китобҳои шоирону адибони гузаштаи мо мисли «Шоҳнома»-и Ҳаким Фирдавсии Тусӣ, Таърихи Табарӣ, «Ал-тафҳим», «Осор-ул-боқия»-и Абурайҳони Берунӣ ва «Наврӯзнома»- и Умари Хайём ин чиз ишора шудааст.



Наврӯз бо расму оини худ аз дигар идҳо фарқ мекунад. Манбаҳои таърихӣ ишора мекунанд, ки дар рӯзҳои наврӯзӣ бузкашӣ, буҷулбозӣ, пойга, гӯштингирии паҳлавонҳо, тухмзанак, арғамчинбозӣ мекунанд. Аҳамияти калон барои ороиши дастархони идона ҳатман хӯрокворӣ гузашта мешавад. Таъомҳое, ки номашон бо ҳарфҳои "С" ва "Ш" сар мешаванд, гузошта мешуд. Ҳамчун қоида дар ид ду намуди дастархон оро дода мешавад: Ин "Ҳафтсин" ва "Ҳафтшин" мебошад.



«Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол низ ҳамасола ин иди аҷдодӣ бо як шукуҳу шаҳомат ҷашн гирифта мешавад ва мувофиқи қонунҳои кишвар рӯзҳои наврӯзӣ ҳамчун рӯзҳои истироҳатӣ эълон шудаанд. Илова бар ин 19 феврали соли 2010 бо саъю кӯшиши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва дигар роҳбарони давлатҳои Қатъномае дар бораи Рӯзи ҷаҳонии Наврӯз таҳия ва ба Иҷлосияи 64 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод гардид. Иҷлосия қатъномаро тасвиб намуд ва Наврӯзро ҷашни байналмилалӣ эълон кард», - хотиррасон кард Д. Сафаров.

*Базми гул дар чамани*
*Наврӯз аст,*
*Ҳама дар пироҳани*
*Наврӯз аст.*
*То ба гардун сухани*
*Наврӯз аст,*
*Тоҷикистон ватани*
*Наврӯз аст!*

***Мухбири «РБ»***

# СЕМИНАР-МАШВАРАТ



Бо мақсади иҷро намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дар асоси нақшаи кории Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон семинар- машварат доир гашт.

### САРМЕЪМОРОН АЗ ҲОЛАТИ ВОҚЕИИ ИҶРОИ КОРҲО БАРХӮРДОР НЕСТАНД

Дар ҷамъомад Аҳмадзода Ҷамшед Ҷалол Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмон, Зоҳирзода Умед Тоҳир муовини раиси вилояти Хатлон, роҳбарони хадамоту раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумита, муовинони шаҳру ноҳияҳо, сармеъморони вилояти Хатлон ва дигар корхонаву идораҳои вобаста ба шаҳрсозӣ ва меъморӣ иштирок доштанд.

Нахуст, Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмон аз намоиши лоиҳаву ангораҳои сохташаванда дар ин вилоят шинос шуда, зимни суханронии худ дар маҷлис дастгириҳои ҳамаҷонибаи Пешвои миллат нисбати рушду нумӯи санъати меъморӣ ва шаҳрсозиро қайд намуд. Дар идома Ҷамшед Ҷалол аз таҳияи Нақшаҳои генералӣ ва мушкилоту камбудҳои соҳа дар ин минтақа ҳарф зада, таъкид намуд, ки на ҳама сармеъморон имрӯз аз уҳдаи кор мебароянд ва онҳо зимни фаъолият асосан ба корҳои ҷории дуюмдараҷа машғул буда, вазифаву уҳдадориҳои худро иҷро намекунанд ва аз ҳолати воқеии иҷрои корҳои сохтмону ободкориҳои шаҳру ноҳияҳо ба пуррагӣ бархӯрдор нестанд.

Ба таъкиди Раиси Кумита зимни таҳияи лоиҳаи аз масолеҳи сохтмонии баландсифат кор гиранд ва дар хулосаҳои экспертизаи лоиҳаҳо махсус таъкид карда мешавад, ки дар сохтмони биною иншоот маводу масолеҳи сертификатсияшуда истифода карда шаванд. Инчунин қайд гардид, ки масъалаи ҳангоми лоиҳакашии бинову иншоот истифода бурдани маҳсулот, таҷҳизот ва мебели ватанӣ, то ба имрӯз ба таври бояду шояд иҷро нашудааст.

Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмон аз он изҳори нигаронӣ намуд, ки бинобар сабаби набудани нақшаҳои муфассал дар баъзе минтақаҳо ҳамагуна иншоот, аз ҷумла, мағозаҳо, дӯконҳо, бозорҳои хусусӣ ва хонаҳои истиқоматии шахсиро, ки бе асноди лоиҳавию харҷномавӣ бар хилофи қоида ва меъёрҳои сохтмонӣ ҳастанд, иҷозат додаанд. Илова бар ин дар симои ин гуна биноҳо ягон санъати меъморӣ дида намешавад.

### ФАЪОЛИЯТИ ШАҲРСОЗӢ НИГАРОНКУНАНДААСТ...

Искандаров Файзулло сардори Раёсати шаҳрсозии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин семинар-машварат баромад намуда, гуфт, ки имрӯз дар соҳаи шаҳрсозӣ новобаста аз зиёд будани дастовардҳо, камбудиҳои ҷиддӣ низ то ҳол ҷой доранд. Таҳлилҳо нишон дод, ки дар қаламрави бисёре аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бе риояи меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ, бе дастрасии қарори дахлдор ва ҳуҷҷатҳои шаҳрсозии тасдиқшуда корҳои сохтмонӣ ба роҳ монда шудаанд, ки чунин биноҳо аз нигоҳи меъморӣ ва банақшагирӣ ҷавобгӯи талаботи имрӯза намебошанд. Аз ҷумла, зимни гузаронидани санҷишҳо дар шаҳри Бохтар маълум карда шуд, ки баъзе камбудиҳои сохтмони бинову иншооти дар ҳудуди муҳофизатии ёдгории таърихию фарҳангӣ "Тепаи Қурғон" ва дигар бинову иншооти берун аз хати танзими сохтмон дар маркази шаҳр сохташуда, ки дар соли 2016 ошкор гадида буданд, то ҳол бартараф нашудаанд.

«Ҳангоми санҷиши беш аз 10 бинои шаҳри мазкур муайян карда шуд, ки 4 бинои сохташудаистода бе риояи нақшаи генералии шаҳр, 3 бино бе ҳуҷҷатҳои лоиҳавии тасдиқшуда, як бино бе риояи талаботи Қоидаҳои истифодабарии қитъаҳои ҳамшафати роҳҳои автомобилгард ва як бинои дигар дар зери хати баландшиддати барқ бунёд гардида истодааст. Ҳамзамон, бо мақсади боз ҳам ободу зебо намудани ҳусни шаҳр аз нигоҳи меъморӣ масъалаи таҳия ва тасдиқи шиносномаҳои рангубори бинову иншоот ба миён омадааст», - илова намуд Искандаров.

Зимни боздид аз ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ муайян карда шуд, ки дар ноҳия 58 маҳалли аҳолинишин бо нақшаи муфассали тарҳрезии маҳал, ки онҳо дар солҳои 1971-1991 тарҳрезӣ шудаанд, таъмин мебошанд. Дар ин маҳалҳо сохтмони биною иншоот қисман ба анҷом расида, як қисми онҳо нотамом боқӣ мондааст ва қисматҳои дигар бо сабаби набудани маблағ то ҳол оғоз нагардидаанд. Сохтмонҳо асосан аз ҷониби соҳибкорон ва сармоягузорон инчунин аз тарафи Раёсати сохтмони асосии вилоят ва ноҳия амалӣ гардида истодаанд. Лоиҳаи банақшагирии ноҳиявӣ, ки соли 1971 таҳия гардидааст, айни замон тасҳеҳро талаб менамояд.

Сардори Раёсати шаҳрсозӣ дар ин замина гуфт, ки баъди шиносоӣ бо сохтмонҳо дар ноҳия ба Сармеъмори ноҳия дастур дода шуд, ки назорати сифати сохтмонро пурзур намуда, минбаъд ҷойгиронии



биною иншооти сохташавандаро бо назардошти риояи хатҳои сурх ва танзими сохтмон, дар асоси ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ ба роҳ монад.

Санҷиши соли гузашта дар ноҳияи Вахш нишон дод, ки 2 иншоот бе риояи нақшаи генералӣ, як иншоот бе ҳуҷҷати лоиҳавии тасдиқшуда, як иншоот бе риояи хати сурх ва як иншооти дигар бе дастрасии иҷозат барои оғози корҳои сохтмонӣ бунёд гардида истодаанд.

Дар ноҳияи Кӯшониён (Бохтар) бошад, 2 иншоот бе риояи нақшаи генералӣ, 3 иншоот бе лоиҳаи кории тасдиқшуда ва 3 иншоот бе гирифтани иҷозати корҳои сохтмонӣ бунёд гардида истодааст. Ҳамчунин, бо мақсади ба танзим даровардани маркази Панҷ нисбати ҷойгиркунии бинову иншоот, ободонии ҳудуд, кабудизоркунии гирду атрофи бинову иншооти кӯчаҳои марказӣ, роҳравҳо, андешидани чораҳои зарурӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Гуфта мешавад, ки дар санҷиши соли гузаштаи гурӯҳи кории Кумита дар шаҳри Норак ошкор карда шуд, ки 4 иншоот бе ҳуҷҷатҳои лоиҳавии тасдиқшуда сохта шуда истодаанд, ки лоиҳакашон, аз ҷумла, КФ КВД "Лоиҳакаш" дар шаҳри Норак дар якҷоягӣ бо фармоишгарон дар сохтмон назорати муаллифӣ ва техникиро дуруст ба роҳ намондаанд. Сохтмони бинову иншоот бошад, бе ҷалбӣ ташкилотҳои сохтмонии иҷозатномадор амалӣ гардида истодаанд. Ҳамзамон, набудани нақшаи муфассали тарҳрезии шаҳрак ба нодуруст ҷойгиркунонии бинову иншоот дар маҳал оварда расонидааст. Сохтмони бинову иншоот дар баъзе аз маҳалҳо бе риояи талаботи нақшаи генералӣ, меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ва ҳуҷҷатҳои лоиҳавии тасдиқшуда ҷойгир карда шудаанд.

Искандаров Файзулло ба санҷишҳои раёсат ишора карда, қайд намуд, ки мутахассисони раёсат зимни санҷиш дар ноҳияи Восеъ бунёди як иншоот бе риояи нақшаи генералӣ, 2 иншоот бе ҳуҷҷатҳои лоиҳавии тасдиқшуда, 2 иншоот бе гирифтани иҷозат оид ба оғози корҳои сохтмонӣ амалӣ шуда истодаро маълум намуданд.

Боздиди бинову иншооти сохташудаистода дар ноҳияи Хуросон муайян кард, ки ду сохтмон бе риояи нақшаи генералӣ, 2 иншоот ҳуҷҷатҳои лоиҳавии тасдиқшуда ва баъзеи онҳо бе гирифтани иҷозат оид ба оғози корҳои сохтмонӣ амалӣ шуда истодааст.

"Санҷишҳо дар маҳалҳои аҳолинишини навбунёдгардидаи шаҳру ноҳияҳои зикршуда нишон дод, ки минтақаҳои мазкур дорои нақшаҳои генералӣ мебошанд, вале аз ҷониби шахсони масъул дар мавриди интихоби қитъаҳои замин сатҳи релеф ҷиҳатҳои геологии минтақаҳои номбаршуда пурра баназар гирифта нашудааст. Дар вақти боздид аз сохтмони хонаҳои истиқоматии замини наздиҳавлигӣ дошта дар маҳалҳои нав муайян карда шуд, ки қитъаҳои замин алоҳида дар канори роҳу ҷӯйҳо ва қисмати поёнии заминҳои кишоварзӣ дарозрӯя, бе ифрасохтори зарурӣ интихоб ва тақсим карда шудааст. Таҳлил нишон дод, ки қариб дар тамоми шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ҳоло ҳам кабудиҳо дар соҳаи шаҳрсозӣ дида мешавад. Аз ин лиҳоз, дар рафти боздид ба масъулин дастур дода шуд, ки нисбати ҷойгиркунии бинову иншоот, ободонии ҳудуд, кабудизоркунии гирду атрофи бинову иншооти кӯчаҳои марказии шаҳру ноҳияҳо, роҳравҳо ва тарзи насб намудани рекламаҳо аҳамияти ҷиддӣ дода, ҳамзамон назорати рафти сохтмону ободонии маҳалҳои навбунёдро дуруст ба роҳ монанд", - ёдовар шуд сардори Раёсати шаҳрсозии Кумита.

Номбурда дар ин бобат пешниҳод

# ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



кард, ки барои ба роҳ мондани тартиби дурусти масъалаи интихоб ва додани қитъаҳои замин ҷиҳати бунёди маҳалҳои нав ва сохтмони бинову иншоот бояд аз ҷониби сохторҳои дахлдори вилоят, шаҳру ноҳияҳо хулосаҳои дақиқ тибқи талаботи Нақшаи генералӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ, сохтмонӣ, экологӣ, геологӣ, зидди сӯхтор, ҳифзи муҳити зист ва дигар талаботҳои мавҷуда дода шуда, баъдан дар асоси хулосаҳои мусбӣ қарори дахлдор қабул карда шавад.

Фаъолияти шаҳрсозӣ дар шаҳру ноҳияҳо нигаронкунанда буда, иҷрои нагардидани талаботҳои Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон, меъёру қоидаҳои шаҳрсозии амалкунанда ҳангоми ҷойгир ва бунёд намудани бинову иншоот дида мешавад. Сохтмони бисёри иншоотu биноҳо камошёна буда, ба роҳҳои асосӣ наздик ҷойгир карда шудаанд, баъзеи онҳо бо инобати набудани маблағ сохтмонашон боздошта шудааст. Ин нуктаро Искандаров Ф. баён дошт ва илова намуд, ки дар бештари шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бе риояи талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 майи соли 2006, №214“ Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои истифодабарии қитъаҳои ҳамшафати роҳҳои автомобилгарди Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки мутобиқи он бари қисмҳои ҳудудҳои ҳамшафати роҳҳои автомобилгард дар гурӯҳҳои I,II ва III 100 метр, дар маҳалҳои аҳолинишин 50 метр ва барои роҳҳои гурӯҳҳои III, IV ва V 25 метр муқарраргардидааст, бинову иншоот ҷойгир буда, нуқтаҳои таъмини сӯзишворӣ бе ҳисоби меъёрӣ ҷойгир карда шудаанд.

Масъалаи дигаре, ки баррасӣ шуд ин батанзим даровардани фаъолияти шаҳрсозӣ бо инобати ташкил, таҳия ва тасҳеҳи ҳуҷҷатҳои шаҳрсозӣ, аз ҷумла, нақшаи генералӣ, нақшаҳои муфассали банақшагирии маҳал ва лоиҳаи иморатсозӣ ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин сардори Раёсати шаҳрсозии Кумита тазаккур дод, ки масъалаи мазкур нигаронкунанда ва то имрӯз ҳалли худро наёфта, ин баррасии муроҷиати шаҳрвандон вобаста ба масъалаи интихоби дуруст ва додани қитъаи замин барои сохтмони бинову иншоот, азнавсозии иншооти мавҷуда дар ҳудуди маркази шаҳр, шаҳрак, ноҳия, маҳалҳои аҳолинишин ва дигар минтақаҳо, инчунин ба муҳлатҳои тулонӣ кашол ёфтани баррасии масъалаҳои зикршуда мебошад.

“Барои саривақт қабул намудани қарори дахлдор вобаста ба муроҷиатҳои воридшаванда, мо бояд дуруст дарк намоем, ки мутобиқи талаботи кодексҳои замин ва шаҳрсозӣ бе мавҷуд будани нақшаҳои генералӣ, нақшаҳои муфассали банақшагирии маҳал ва лоиҳаи иморатсозӣ барои сохтмон додани иҷозат имконнопазир буда, интихоб, ҷойгиронӣ ва сохтмонӣ ҳамагуна иншооти биноҳо дар асоси ҳуҷҷатҳои зикршуда бо мақсади ҳалли маҷмӯавии ҳудудҳо, риояи меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ, ба инобат гирифтани дастрасии



аҳолӣ ба биноҳои бунёдшаванда ва шабакаҳои муҳандисӣ, инчунин дигар талаботҳои шаҳрсозӣ ба роҳ монда мешавад”, - таъкид дошт Искандаров Файзулло.

Аҳмадзода Ҷ.Ҷ. бар иловаи гуфтаҳои Искандаров ёдрас кард, ки бо дастури роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли гузашта сохтмони иншооти ягона манъ карда шавад. Бо ин роҳ ба таъкиди Раиси Кумита масъала ва мушкилоти нақшаҳои ягонаи тархрезии маҳал бартараф шуд. Ҳамчунин, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтани хонаҳои истиқоматии на камтар аз 5 ошёна дар маркази шаҳраку ноҳияҳо тасдиқ шудааст.

## НАЗОРАТИ МЕЪМОРӢ ВА СОХТМОН ФАҚАТ ВАЗИФАИ ХАДАМОТ НЕСТ!

Табарзода Раҳматулло сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмонӣ низ дар навбати худ ба камбудиҳои ошкоргардида ишора намуда, таъкид кард, ки соли 2017 мутахассисони Хадамот дар вилояти Хатлон 350 иншоотро зери назорат қарор дода, дар рафти санҷишҳои назоратӣ 842 камбудиҳоро ошкор кардаанд, ки аз ин 36 камбудӣ сифати масолеҳи сохтмонӣ, 249 камбудӣ сифати конструксияҳои оҳану бетонӣ, 25 камбудӣ бе иҷозати сармеъмор оғоз кардани корҳои сохтмону васлгарӣ, 10 камбудӣ бе хулосаи мусбии экспертиза оғоз кардани корҳои сохтмонӣ ва 3 камбудӣ бе лоиҳаи кории таҳиягардида оғоз кардани корҳои сохтмониро дар бар мегирад. Масалан, дар иншооти театри мусиқӣ-мазҳакавии вилоятӣ дар шаҳри Бохтар, беморхонаи ташхиси касалиҳои қалб дар кӯчаи С. Айнии шаҳри Бохтар, инчунин дар иншооти сохтмони дӯкони пластикӣ дар кӯчаи Кайҳоннавардон дар шаҳри Бохтар бе лоиҳаи аз экспертизаи давлатӣ гузаронидашуда корҳои сохтмону васлгарӣ оғоз карда шудааст. Илова бар ин сохтмони мағозаи қисмҳои эҳтиётӣ, нуқтаи шустушӯи мошинҳо дар кӯчаи Некрасови маркази Хатлон, нуқтаи шустушӯи мошинҳо, таъмири мошинҳои сабукрав, мағозаи қисмҳои эҳтиётӣ ва дӯконҳои тиҷоратӣ воқеъ дар шоҳроҳи автомобилгарди Бохтар-Ҷалолиддини Балхии шаҳри Бохтар корҳои сохтмонӣ бе иҷозати сармеъмор оғоз гардидааст.

Сардори Хадамоти назорати давлатии меъморӣ аз камбудиҳои ошкоргардидаи дигар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон аз қабили Шаҳритуз, Носири Хусрав, Панҷ, Ҷайҳун, Хуросон, Шамсиддини Шоҳин, Муъминобод, Ҳамадонӣ, Восеъ, шаҳри Кӯлоб ва дигарон ёдовар шуда, зикр намуд, ки ба роҳ мондани назорат дар соҳаи меъморӣ ва сохтмон танҳо вазифаи Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмон набуда, тибқи муқаррароти қонун ҳамчунин дигар сохторҳои марбутаи ин соҳа низ вазифадор гардидаанд, ки вобаста ба салоҳияти худ дар соҳаи меъморӣ ва сохтмон назорати муайянро амалӣ намоянд. Аз ин лиҳоз, мақомоти дахлдор, фармоишгарон, пудратчиён, лоиҳакашон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки барои таъмини иҷрои вазифаҳои тибқи Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраргардида чораҳои амалӣ андешанд. Дар сурати иҷро накардани муқаррароти қонунҳо Хадамоти назорати давлатии меъморӣ ва сохтмон вазифадор аст, ки дар доираи салоҳиятҳои худ нисбати мақомоти дахлдор, фармоишгарон, пудратчиён, лоиҳакашон ва шахсони мансабдор тибқи муқаррароти қонун чораандешӣ намояд.

## МУҲРУ ИМЗОИ НАСАНҶИДА

Сардори Раёсати экспертизаи давлатии ғайриидоравии ҳуҷҷатҳои лоиҳавии шаҳрсозӣ Саъдуллозода Сӯҳроб Файзалӣ қайд намуд, ки сармуҳандисони лоиҳа, ки масъули асосии лоиҳаҳо ҳастанд, вазифаҳои хешро намедонанд ва аксаран аз беаҳмиятии онҳо лоиҳаҳо хулосаи манфӣ мегиранд. Ҳолати ташкили кор ва ислоҳи эродҳо дар баъзе пажӯҳишгоҳҳои калони лоиҳакашии ҷумҳурӣ ислоҳоти ҷиддиро талаб менамояд, зеро аз набудани мутахассисони соҳавӣ ҳолати ислоҳи эродҳо тӯл мекашад. Дар бисёр лоиҳаҳо талаботи оддитарин ба монанди имзои иҷрокунандагон, таҳияи дурусти тавзеҳоти лоиҳа, номи дурусти лоиҳа ва ғайраҳо пешниҳод карда намешаванд. Ба гуфтаи ӯ дар вилояти Хатлон дар соли сипаришуда танҳо 89 лоиҳа барои экспертиза пешниҳод шудааст, ки аз онҳо 85 лоиҳа хулосаи мусбиро гирифтааст.

Ба таъкиди Саъдуллозода шуъбаҳои меъмориву шаҳрсозии МИҲД-и шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дорои камбудиҳое мисли насанҷидани мавқеи сохтмон, нодуруст ҳисоб намудани меъёри ҳисобии зичии маҳалли аҳолинишин ва андозаи қитъаи замин, ки боиси шикояти шаҳрвандон мегардад, ҷудо нагардидани қитъаҳои замин тибқи меъёрҳои лоиҳакашӣ, ки боиси ҷойгир нашудани инфрасохторҳои зарурӣ, шабакаҳои муҳандисӣ ва талаботҳои санитарию сӯхторнишонӣ мебошад, супоришҳои меъморӣ банақшагирии нопурра ва якранг, инчунин ҳангоми мувофиқа кардани ҷойгиронии бинову иншоот, аксарият вақт насанҷида имзо ва муҳр мегузоранд, ки миқёси аксбардории онҳо нодуруст буда, боиси баҳси замин ва вуҷуд меояд.

Дар фарҷоми семинар Раҷабов Файзалӣ раиси Ассотсиатсияи сохтмончиёни Тоҷикистон, Зоҳирзода Умед муовини раиси вилояти Хатлон ва дигар иштирокдорон андеша ва пешниҳодҳои худро барои пешрафти минбаъдаи соҳа баён доштанд.

*Неъмат РАҲМАТ,*
*мухбири махсуси “Рӯзномаи бинокорон”,*
*Душанбе-Бохтар-Душанбе*

# ТАТБИҚИ ПРИНСИПИ «РАВЗАНАИ ЯГОНА» ДАР ДОИРАИ ТАРТИБИ АНҶОМ ДОДАНИ РАСМИЁТИ МАЪМУРӢ ВОБАСТА БА АМАЛӢ НАМУДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ШАҲРСОЗӢ






Бо ташаббуси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дасгирии Бонки умумиҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки шарики боэътимоди Кумита дар амалӣ намудани лоиҳаи «Татбиқи принсипи «Равзанаи ягона» дар доираи Тартиби анҷом додани расмиёти маъмурӣ вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ» мебошад ва ба беҳтар намудани системаи давлатии идоракунӣ дар соҳаи сохтмон саҳмгузор аст, семинар баргузор гардид. Чорабинӣ як қисми лоиҳаи IFC оид ба беҳсозии муҳити соҳибкорӣ ва иқлими сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Ҳукуматҳои Британияи Кабир ва Швейтсария мебошад.

Семинарро муовини аввали Раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон А. Абдулимзода ифтитоҳ намуда, ба ҳама иштирокчиён ва ташкилкунандагони ин семинар барои таваҷҷуҳашон дар раванди фаъол гардонидани Равзанаи ягона ва дарёфти роҳи ҳалли мушкилот дар ин самт миннатдорӣ изҳор намуд. Ӯ зикр намуд, ки Кумита бо Бонки Умумиҷаҳонӣ дар самти беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва тақвияти соддаю шаффофгардонии низоми бақайдгирию хизматрасонӣ, баланд бардоштани сатҳи ҳамоҳангсозӣ дар соҳаи сохтмону меъморӣ ҳамкориҳои зичро ба роҳ монда, дар арзёбии нақшавии амалисозии "Барномаи баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии бахши хусусӣ", "Барномаи беҳтарсозии фазои соҳибкорӣ ва муҳити инвеститсионӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ", "Барномаи идораи корпоративӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ", "Барномаи беҳтарсозии инфрасохтор дар минтақаи Осиёи Марказӣ" ва дигар барномаҳо дар ин самт иштироки фаъол намуда истодааст.

А. Абдуалимзода гуфт, ки равзанаи ягона дар мо ба тозагӣ кори худро оғоз менамояд, хуб мебуд агар он дар асоси консепсияҳо ё моделҳои муайян ва мутақобилан ҳамаи иштирокчиёни ин раванд татбиқ карда шавад. Аз ин рӯ, мо бояд раванди татбиқи Равзанаи ягонаро бо дарназардошти шароити мавҷуда ва дурнамо дар муддати муайян таҳия намоем ва дар ин маврид зарур аст, ки саъю кӯшиши худро барои татбиқи минбаъдаи Равзанаи ягона бо инобат гирифтани манфиати бахши хусусӣ зарур шуморем.

Маҳз бо ҳамин мақсад мо имрӯз ба ин ҷо иштирокчиёни фаъоли соҳаи сохтмони шаҳри Душанберо даъват намудем ва боварӣ дорем, ки дар асоси муҳокимаи якҷояи проблемаҳои мавҷуда асосҳои механизми баҳамтаъсиррасонӣ ва ҳамоҳангӣ пайдо менамоем, ки дар онҳо вазифа ва масъулияти ҳар як иштирокчии ин раванд аниқ муайян карда мешаванд.

Сафарзода Абӯбакр Аваз Директори Муассисаи давлатии "Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ" дар баромади худ нахуст ба намояндагии Бонки умумиҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки иқдоми Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар самти тақвият бахшидан ба раванди амалигардонии равзанаи ягона дастгирӣ намуда, силсилаи воҳӯрию семинарҳоро барои сохтору ташкилотҳо ва гурӯҳҳои ҷамъиятӣ, ки ба ин раванд ҷалб гардидаанд, дастгирӣ намуда истодааст, миннатдории худро баён намуд.

Муассисаи давлатии "Маркази амалигардонии равзанаи ягона, кадастр ва мониторинги шаҳрсозӣ" бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, №327 дар назди Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Яке аз вазифаҳои асосии Муассиса ин пешбурди равзанаи ягона ва кадастри шаҳрсозӣ аз рӯи системаи ягонаи ҷамъоварӣ, коркард, бақайдгирӣ, нигоҳдорӣ, навсозии захираҳои иттилоотӣ, додани маълумот ба истифодабарандагон



ва ворид намудани таснифот, феҳристи рамзҳо, маълумотномаҳо, суроғаҳо ва реквизитҳои дигари низоми иттилоотии дарбаргирандаи маълумот дар бораи масъалаҳои шаҳрсозӣ, меъёрӣ, лоиҳавӣ ва ҳуҷҷатҳои истифодабарӣ ба кадастри шаҳрсозӣ мебошад.

Тибқи Оинномаи тасдиқгардидаи худ Муассиса барои фаъол намудани раванди амалигардонии ислоҳот, таъмини иҷро ва татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба соддагардонии низоми иҷозатдиҳӣ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ равона карда шудаанд, масъул мебошад, - гуфт А. Сафарзода.

Яке аз самтҳои фаъолияти Муассиса ба рушди бахши хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равона гардида, он раванди дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиатҳои шаҳрвандон вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозиро таҳти назорат ва таҳлил қарор медиҳад ва татбиқи принсипи дар сурати пешниҳод нагардидани ҷавоби мусбӣ ва ё манфӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ ҳамчун ҷавоби мусбӣ қабул намудани ин амалро роҳандозӣ менамояд.

Боз як принсипе, ки тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст, ин дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин ҷорӣ намудани низоми "равзанаи ягона" барои қабул ва баррасии мурофиат оид ба гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва ҷой додани намунаҳои электронии ҳуҷҷатҳои зарурӣ дар сомонаи интернетии равзанаи ягона мебошад, ки Муассиса дар ин ҷода фаъолияти худро ба роҳ мондааст.

Бо мақсади ба таври электронӣ ҷамъоварӣ, таҳлил, ба низом даровардан ва пешниҳоди босифату саривақтии маълумот Муассиса дар ҳамкорӣ бо филиали ҶСК "Тоҷиктелеком" ба шабакаи ҷумҳуриявии таҳвили маълумот ба шабакаи корпоративии VPN канал ва ADSL-модем пайваст гардида, таҳия ва ҷорӣ намудани барномаҳои кадастр ва мониторингро тариқи шабакаи интернетӣ ба нақша гирифтааст.

Амали мазкур сатҳу суръати қабулу коркарди маълумот, таҳлилу арзёбии онҳоро ба маротиб афзун намуда, дар ин замина арзёбӣ ва пешниҳоди маълумоти зарурира оид ба ин ё он паҳлуҳои амалигардонии равзанаи ягона сифатан беҳтар менамояд.

Тибқи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додани расмиёти маъмурӣ вобаста ба амалӣ намудани фаъолияти шаҳрсозӣ аз бисёр ҷиҳат дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва пеш аз ҳама дар мақомоти маҳаллии шаҳрсозӣ сурат мегирад. Дар ин низом Муассиса метавонад ҳамчун ҳамоҳангсози муносибатҳои субъектҳои иштирокчии раванди амалигардонии равзанаи ягона бо сохторҳои мазкур фаъолият намуда, дар асоси мурофиати дилхоҳ иштирокчии ин раванд ба ҳалли масъалаҳои ҷойдошта мусоидат намояд. Аз ин рӯ, ҳамкорию мубодилаи иттилоъ дар фаъолияти муштараки Муассиса, мақомоти маҳаллӣ ва дигар субъектҳои сохтмонӣ, пеш аз ҳама, ширкату ташкилотҳои сохтмонию лоиҳакашӣ барои пешбурди самараноки равзанаи ягона басо муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар анҷоми баромади худ А. Сафарзода аз ҳамаи иштирокчиёни ҷаласаи имрӯза хоҳиш намуд, ки ҷиҳати ҷамъ овардани маълумоти зарурӣ оиди арзёбии раванди амалигардонии равзанаи ягона, кадастр, мониторинги шаҳрсозӣ, муайян намудани мушкилот ва хатарҳои мавҷуда, такмили асосҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа, баланд бардоштани сатҳи ҳамкориҳои муштарак ва дигар масъалаҳои соҳа бо Муассиса ҳамкорӣ намоянд.

Дар семинар ҳамчунин Директори КВД "Пажуҳишгоҳи илмию тадқиқотии "Сохтмон вва меъморӣ" У. Умаров, Сардори Раёсати шаҳрсозии Кумита Файзулло Искандаров ва намояндагони Бонки умумиҷаҳонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Сафро Исоева, Мадина Данаева ва Марина Шамилова иштирок ва суханронӣ намуданд.

***Д. НУРЗОДА,***
***мухбири "Рӯзномаи бинокорон"***

**Ба Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони зиёде оид ба меъёргузории харҷномавӣ, нархгузорӣ дар сохтмон ва тартиби ҳисоббаробаркунӣ барои корҳои иҷрошуда бо саволҳои мубрами рӯз муроҷиат мекунанд. Аз сардори Раёсати илм ва танзими меъёрҳо дар сохтмон Азизбек Ниёззода хоҳиш намудем, ки ба саволҳо ҷавобҳои мушаххас диҳад.**

# ПУРСЕД, ҶАВОБ МЕДИҲЕМ!

***САВОЛ: Оё ба пудратчӣ хароҷотҳои иловагӣ ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонию васлгарӣ дар мавсими зимистон пардохт карда мешавад, агар сохтмон танҳо дар фасли тобистон ба анҷом расонида шавад?***

***ҶАВОБ:*** Мутобиқи муқаррароти ҳуҷҷати меъёрии МҚШ ҶТ 81-06-2013 «Маҷмӯаи меъёрҳои харҷномавии хароҷотҳои иловагӣ ҳангоми иҷрои корҳои сохтмонию васлкунӣ дар мавсими зимистон ва шароити иқлими гарм», ки бо фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2014, №31/ф тасдиқ шудааст, меъёрҳои маҷмӯаи мазкур бо ҳисоби миёнаи солонавӣ таҳия гардидааст ва ҳангоми ҳисоббаробаркунӣ барои корҳои сохтмонию васлгарии иҷрошуда дар тамоми сол қабул карда мешавад новобаста аз вақти воқеии сол, ки дар муддати он сохтмон ба анҷом расонида мешавад.

***САВОЛ: Бо мақсади андозбандӣ мехостем оид ба хизматрасонӣ ё корҳои сохтмонӣ мансуб будани корҳои зиддизангзанӣ ва рангмолии таҷҳизотҳои системаи обию барқи маълумот диҳед.***

***ҶАВОБ:*** Бояд қайд намуд, ки дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонӣ» мафҳуми кор ва хизматрасонӣ муайян карда шудааст. Мутобиқи муқаррароти қисми 8 ва 9 моддаи 3 Қонуни мазкур Кор – ҳар гуна кори вобаста ба лоиҳакашӣ, сохтмон, азнавсозӣ, кӯчонидан, таъмир ё таҷдиди биноҳо, иморатҳо ва иншоот, аз ҷумла, тайёр намудани майдончаи сохтмон, кофта баровардани хок, васл кардан ва омода намудани дастгоҳҳо, корҳои пардозидиҳӣ, инчунин хизматрасониҳои иловагии сохтмонӣ, монанди пармакунӣ, корҳои геодезӣ, аксбардории кайҳонӣ, тадқиқоти сейсмологӣ ва дигар хизматрасониҳое, ки тибқи шартнома дар бораи харид пешниҳод мешаванд.

Хизматрасонӣ – натиҷаи фаъолияти зеҳнӣ ва корҳое, ки ба дигаргуншавии хусусияти объектҳои моддӣ вобаста намебошанд.

Корҳои зиддизангзанӣ ва рангмолии таҷҳизотҳои системаи обию барқӣ аз қабили корҳои сохтмонӣ маҳсуб ёфта, андозбандии корҳо тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешавад (*иқтибос аз мактуби Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 феврали соли 2018, №2/322*).

***САВОЛ: Дар маҷмӯаи МУХ ҶТ-2007-46 «Корҳо оид ба азнавсозии биноҳо ва иншоот» кандани конструксияҳои бетонӣ ва оҳанубетонӣ бо воситаи болғаҳои кандани (отбойный молоток) ба назар гирифта шудааст. Чӣ гуна бояд нархгузорӣ кард, агар кандани конструксияҳои бетонӣ ва оҳанубетонӣ бо воситаи гидромолот ба анҷом расонида шавад?***

***ҶАВОБ:*** Нархгузории корҳо оид ба кандани конструксияҳои хиштин ва оҳанубетонӣ бо воситаи гидромолот мувофиқ ба меъёрҳои маҷмӯаи МУХ ҶТ-2007-46 «Корҳо оид ба азнавсозии биноҳо ва иншоот» тағйиру иловаҳо, ки бо фармоиши раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2016, №97/ф тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта шудааст. Нархномаҳои ҷадвали МУХ 46-70-01 ва МУХ 46-70-02.



***ВОПРОС: Прошу разъяснить, учтена ли вывоз мусора от разборки конструкций нормами сборника ЭСН РТ-2007 №46 «Работы при реконструкции зданий и сооружений» таблицы:***

***46-57 Разборка надземной части;***
***46-58 Разборка надземной части сараев;***
***46-65 Комплексная разборка зданий;***
***46-26 Пробивка проемов в конструкциях;***
***46-33 Разборка фундаментов и стен;***
***46-41 Разборка бетонных оснований под полы.***

***ОТВЕТ:*** В соответствии с пунктом 1.4 технической части сборника ЭСН РТ-2007-46 «Работы при реконструкции зданий и сооружений», утвержденного распоряжением Агентства по строительству и архитектуре при Правительстве Республики Таджикистан от 10 октября 2007 года, №6фк, в нормах сборника наряду с работами, перечисленными в составах работ, учтены затраты на уборку отходов и мусора, полученных при разборке и транспортировка их на расстояние до 50 м от реконструируемого объекта.

Учитывая изложенное, нормы сборника не учитывают затраты на вывозку строительного мусора, полученного от разборки, пробивки отверстий и борозд и смены конструкций, за пределы стройки, в связи с чем указанные затраты следует учитывать дополнительно исходя из количества мусора и расстояний его перевозки.

***ВОПРОС: Можно ли составить смету, используя нормы времени из ЕНиР, тарифы из сборника ССЦ, накладные расходы, сметную прибыль и коэффициенты, учитывающие условия труда и условия производства работ?***

***ОТВЕТ:*** При отсутствии необходимых норм и расценок в сборниках ЭСН РТ-2007 с согласии сторон можно определять стоимость работ, применяя нормы времени по сборникам ЕНиР, тарифные ставки оплаты труда рабочих из сборника ССЦ и соответствующие нормы накладных расходов, сметной прибыли и коэффициенты, учитывающие условия труда и условия производства работ.

***ВОПРОС: Заказчик при устройстве поверхностей с применением гипсокартонных листов оплачивает окраску по таким поверхностям только как простую окраску, считая, что эти поверхности не могут быть окрашены улучшенной окраской. Прав ли заказчик?***

***Ответ:*** Заказчик неправ. Улучшенная или простая окраска отличаются по технологии выполнения работ, составу операций (см. Техническую часть Сборника ЭСН-2007-15 «Отделочные работы»), расходу материалов и, соответственно, улучшенная или даже высококачественная могут быть и при отделке поверхностей по примененным гипсокартонным листам, если это требуется проектом.

***ВОПРОС: В связи с новым порядком исчисления сметной прибыли от фонда оплаты труда рабочих (строителей и механизаторов) поступило большое количество вопросов об учете в сметной документации заработной платы водителей автосамосвалов при перевозках грунта и песка и накладных расходов и сметной прибыли от этой заработной платы.***

***ОТВЕТ:*** Тарифы на перевозку грузов автотранспортом, используемые в сметной документации для определения транспортных затрат, учитывают накладные расходы и прибыль автотранспортных предприятий. Поэтому, при определении стоимости работ накладные расходы и сметная прибыль на затраты по перевозке грунта не начисляются и выделять заработную плату водителей автосамосвалов нет необходимости.

Это разъяснение относится и к случаям использования подрядными организациями собственного автотранспорта, если в сметной документации применяются тарифы на перевозку грузов.

***ВОПРОС: Почему размер сметной прибыли при капитальном ремонте ниже, чем в новом строительстве?***

***ОТВЕТ:*** Размер сметной прибыли по видам работ, а также по видам строительства устанавливался в зависимости от удельного веса фонда оплаты труда рабочих в общей стоимости строительно-монтажных работ.

При проведении капитального ремонта удельный вес фонда оплаты труда рабочих выше, чем при новом строительстве, учитывая, что в расценках на ремонтные работы доля затрат труда, а, следовательно и заработная плата, выше. Поэтому, норматив сметной прибыли по работам капитального ремонта установлен ниже, чем при новом строительстве.

# ЗИ КӮИ ЁР МЕОЯД,

## БАРГУЗОРИИ НАХУСТИН ФЕСТИВАЛИ «НАВРӮЗ - МЕРОСИ ФАРҲАНГИИ САЙЁҲӢ»

Бо ташаббуси Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаи давлатии «Боғи Ирам»-и пойтахт таҳти сарпарастии Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бори аввал Фестивали “Наврӯз - мероси фарҳангии сайёҳӣ” баргузор гардид.

Дар чорабинӣ намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазорату идораҳо, ширкатҳои сайёҳӣ, осоишгоҳҳо, табобатгоҳҳо, ҳунармандони ҷумҳурӣ, коршиносони соҳа, намояндагони муассисаҳои олии таълимӣ, ки дар риштаи сайёҳӣ мутахассис омода менамоянд ва сокинону меҳмонони пойтахт иштирок доштанд.

Мушовири бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Масрур Абдуллозода иштирокдорони Фестивали “Наврӯз - мероси фарҳангии сайёҳӣ”-ро бо Наврӯз ва кушодашавии фестивал табрик намуд. Раиси Кумита Нуъмон Абдуғаффорзода зикр кард, бо ташаббуси дурандешонаи Пешвои миллат ҷашни қадимаи Наврӯз, ки миллати тамаддунофари мо меросбарони ин ҷашнанд, ҷаҳонӣ гашт. Дар ин фасли нозанини табиат мавсими сайёҳӣ дар Ватани азизамон оғоз гардида, гурӯҳҳои зиёди сайёҳону ҷаҳонгардон рағбати дидани меҳани аҷдодии Наврӯзро доранд.




Дар Фестивал Намоишгоҳи маҳсулотҳои ширкатҳои сайёҳӣ ва имкониятҳои хизматрасонии меҳмонхонаҳо, иншооти санаторӣ-курортӣ ташкил гардида буд. Ҳамчунин, ороиши хуҷраҳои наварӯсони минтақаҳои Тоҷикистон, аз ҷумла, ВМКБ, вилоятҳои Суғду Хатлон ва шаҳри Душанбе, сурудҳо ва рақсҳои миллии минтақаҳо, молҳои дастии ҳунармандон, косибӣ, мисгарӣ, кордсозӣ, чӯбтарошӣ, сандуқсозӣ, бозиҳои хоси наврӯзӣ аз ҷумла, гӯштингирӣ, бандкашӣ, хурӯсҷанг, кабкҷанг, шеърхонӣ ва байтбараки ҷавонон, ҳафтсину ҳафтшин, нонпазии тоҷикон дар танӯрҳо, хӯрокҳои миллии хоси наврӯзӣ, намоиши аксҳои мусаввирон ва ҳайкалтарошон, ҷараёни омодасозии маҳсули дасти онҳо, намоиши созҳои мусиқии миллӣ ба маъраз гузошта шуд.

Ҷашни Наврӯз, ки аз қадимтарин идҳои тоҷикон маҳсуб меёбад, бо хусусиятҳои хоси худ яке аз афзалиятҳои муҳими Тоҷикистон барои ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба мероси бойи таърихию фарҳангии миллати тоҷик мебошад.

Аз сӯи дигар Наврӯз ҳамчун омили таҳкими ҳувияти миллӣ ва бедор кардани ҳисси ифтихори ватандорӣ дар ниҳоди мардум ва дар сатҳи ҷаҳонӣ муаррифӣ шудани симои мамлакат ҳамчун кишвари дорои тамаддуни қадима ва захираҳои бузурги сайёҳидошта мусоидат менамояд

Дар Фестивал ҷашни байналмилалии Наврӯз ҳамчун бренди сайёҳии Тоҷикистон ба доираи васеи сайёҳон, ки дар арафаи Наврӯз ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, муаррифӣ карда шуд.

## ТАНТАНАҲОИ НАВРӮЗӢ ДАР ҚАЛЪАИ ҲИСОР



Мардуми ноҳияи зарнисори Ҳисор дар Қалъаи куҳанбунёд, ки қарнҳо побарҷосту дар даврони Истиқлолият пурра тармим гардидаст, бо шукӯҳу шаҳомат ва нишоту сурур тантанаҳои наврӯзӣ доир намуданд. Ба истиқболи онон духтари зебои қабои сафедпӯш савори саманди бодпои барфосо сафед ҳамчун рамзи баҳори хуррам баромад.

Раиси ноҳия Шарифҷон Ҷумъазода аҳли ҳамоиши идона, инчунин меҳмононро, ки аз Ҷумҳурии Ӯзбекистони ҳамсоя омадаанд, самимона шодбош гуфт. Зимни суханронӣ ӯ ёдовар шуд, ки бо саъю талоши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Наврӯз иди давлатӣ гардид ва бо ибтикори Тоҷикистони соҳибистиқлол бо сарварии Ҷаноби Олӣ мақоми ҷаҳонӣ касб намуд.

Ширкати мутрибону раққосаҳои ансамбли овозадори «Зебо» ҳусну ҷилои тоза бахшид. Бо дастгирии мақомоти иҷроияи ҳокимияти ноҳия, инчунин соҳибкорони саховатпеша хатнасури 31 кӯдак аз оилаҳои камбизоат барпо гардид ва ба онҳо туҳфаҳо супорида шуданд. Аз рӯи анъана гӯштингирию аспдавонӣ доир гардид. Ҳунармандон маҳсули дастони худро ба маърази тамошо гузоштанд. Кадбонуҳо аз рӯи анъанаҳои дерин хоҳишмандонро бо суманак, далдаю оши палав ва дигар таъомҳои миллӣ зиёфат карданд.

## ОБОДОНӢ ВА ТОЗАКОРӢ - ЯКЕ АЗ СУННАТҲОИ НАВРӮЗ

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ таҷлил намудани Иди байналмилалии Наврӯз дар ноҳияи Сангвор корҳои ободонию созандагӣ, насби шиору овезаҳо, хурраму зебо гардонидани кӯчаву маҳаллаҳои маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот ба роҳ монда шудаанд. Дар рӯзҳои наврӯзӣ байни мактаббачагону сокинони ноҳия озмунҳо ҷараён мегиранд. Зеро Наврӯз яке аз арзишҳои неки миллӣ, моҳияти Истиқлолият ва озодӣ, соҳибватаниву соҳибдавлатӣ мебошад.

Тибқи иттилои масъулини ноҳия, дар ҳудуди ноҳия корҳои ободонию созандагӣ вусъати тоза гирифта, сокинони ноҳия бо шукргузорӣ аз сиёсати пешгирифтаи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ободу зебо гардонидани маҳалли зисти худ машғуланд.

То имрӯз дар шоҳроҳи Лабиҷар-Сангвор ва маркази ноҳия 120 адад шиору овезаҳо, сипарҳои таблиғотӣ ва иқтибосҳо аз суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон насб гардида, зиёда аз 5000 бех дарахтони сояафкану мевадиҳанда шинонда шуданд.

Ҳамчунин ҷиҳати оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим, рушди бемайлони варзиш дар маркази ноҳия ва ҷамоатҳои деҳот якҷо бо соҳибкорону тоҷирон ва дигар шахсони саховатпеша бунёд кардани боғу гулгаштҳо, марказҳои истироҳатию фароғатӣ, майдону толорҳои варзишӣ ва иҷрои корҳои дигари ободонӣ идома доранд.

Соли равон дар маркази панҷ ҷамоати деҳоти ноҳия майдончаҳои варзишӣ ба истифода дода мешаванд.

# НАСИМИ БОДИ НАВРӮЗӢ...

## «ОТЛИЧНАЯ РАБОТА!». Посол Украины в Таджикистане Виктор Никитюк об организации Фестиваля «Навруз - культурное туристическое наследие»



Чрезвычайный и Полномочный посол Украины в Республике Таджикистан Виктор Никитюк отметил успешную работу по обеспечению участия зарубежных гостей в Фестивале «Навруз - культурное туристическое наследие». На своей странице в Facebook он пишет: «Выражаю искреннюю благодарность представителям Управления государственного протокола МИД Таджикистана за отличную работу по обеспечению участия дипломатического корпуса в фестивале туризма в честь праздника Навруз, который успешно прошёл в Душанбе 22 марта 2018 года».

Напомним, что Фестиваль состоялся в парке «Боги Ирам» и был организован в честь Года развития туризма и народных ремёсел Комитетом по развитию туризма при Правительстве Республики Таджикистан при поддержке Президента Федерации футбола Таджикистана Рустами Эмомали.

Участников фестиваля поприветствовали советник сектора Помощника Президента РТ по вопросам социального развития и связью с общественностью Масрур Абдуллозода и председатель Комитета по развитию туризма при Правительстве РТ Нуъмон Абдугаффорзода.

На фестивале были представлены продукции народных умельцев, возможности туристических компаний, гостиниц, народные песни и танцы регионов Таджикистана, национальные спортивные игры.



## ДАР ШАҲРИ РОҒУН БО ИШТИРОКИ МЕҲМОНОНИ ХОРИҶӢ, КИ ДАР НБО-И РОҒУН ФАЪОЛИЯТ ДОРАНД, ИДИ НАВРӮЗИ ХУҶАСТАПАЙРО ҶАШН ГИРИФТАНД

Дар шаҳри Роғун бо иштироки васеи сокинону ҳунармандон ва аҳли адабу меҳмонони хориҷӣ аз Федератсияи Русия, Украина, Эрон, Хитой, Италия, Қазоқистон ва дигар мамлакатҳои Осиёи Миёна, ки дар НБО-и Роғун фаъолият доранд, Иди Наврӯзи хуҷастапайро бо шукуҳи хосса таҷлил намуданд.

Дар чорабинии идона раиси шаҳри Роғун Билол Иброҳим ба муносибати Иди байналмилалии Наврӯз ва оғози фасли баҳор сокинону меҳмононро самимона табрик гуфта, ҳозиринро ба таҳкими дӯстӣ, поксозии қалбҳо ва ваҳдату ягонагӣ даъват намуд. Барои баланд бардоштани нуфузи Тоҷикистони азиз дар арсаи байналмилалӣ аз сокинон даъват намуд, ки ҳар як оила ба масъалаи тарбияи дурусти фарзандон, сарфаю сариштакорӣ, риояи низому тартибот ва волоияти қонун эътибори ҷиддӣ диҳанд.

Дар ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ дастурхони идонаи «ҳафтсину ҳафтшин» бо суманак ва дигар хӯрокҳои миллӣ ороста шуд. Бахшида ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ намунаи ҳунарҳои мардумӣ, асарҳои косибӣ, либосҳои миллӣ, китобҳо оид ба фарҳанги мардуми Тоҷикистон ва маводи таблиғотӣ доир ба муаррифии симои ҷумҳурӣ манзури меҳмонону сокинон гардонида шуд. Инчунин аз ҳисоби ташкилоту муассисаҳо ва соҳибкорони маҳаллӣ барои хурсандии кӯдакону наврасон ва сокинони аз роҳҳои дур омада, зиёда аз 30 намуд хӯрокҳои миллӣ омода намуда, ройгон ба сокинон пешниҳод гардонида шуд.

Дар чорабинии фарҳангии идонаи Наврӯзӣ намунаи фарҳангу санъати минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ баҳри меҳмонону сокинони шаҳр ба намоиш гузошта шуд, ки иштирокчиён аз тамошои ин ҳунарнамоӣ руҳу илҳоми тоза гирифтанд.

Хотирнишон менамоем, ки сокинони шаҳри Роғун баҳри ободу зебо гардонидани диёри худ дар арафаи иди Наврӯз зиёда аз 5000 бех дарахтони сояафкану мевадиҳандаю ороишӣ шинондаанд, ки ба ҳусни шаҳру маҳаллаҳои аҳолинишин ҳусну таровати тоза мебахшад.

## НАВРӮЗ – ОҒОЗИ СОЛИ НАВ. Бахшида ба Иди Наврӯз дар Хуҷанд озмуни «Бозиҳои миллӣ» доир гардид

Дар маҷмааи фарҳангӣ-фароғатии «Хуррамшаҳр»-и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров бахшида ба таҷлили Наврӯзи байналмилалӣ байни муҳассилини мактабҳои таҳсилоти умумии вилояти Суғд озмуни вилоятии «Бозиҳои миллӣ» баргузор гардид.

Озмуни мазкур бо ибтикори Раёсати маорифи вилоят дар ҳамдастӣ бо шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои вилоят гузаронида шуда, ҳадаф аз ташкили он эҳё намудани бозиҳои миллии ниёгон ва тарбия намудани хонандагону наврасон дар руҳияи эҳтиром ба мероси ниёгон аст.

Дар озмуни мазкур, ки давоми 10 соли охир гузаронида мешавад, намояндагон аз муассисаҳои таълимии даҳ шаҳру ноҳияҳои атрофи маркази вилоят ширкат намуда, аз рӯи 8 намуди бозиҳои миллӣ, чун «Лалакпарронӣ», «Бодбаракпарронӣ», «Чиллакбозӣ», «Арғамчинбозӣ», «Ланкабозӣ», «Лакпарбозӣ» ва «Ҳаппак» байни ҳам қувваозмоӣ намуданд.

Теъдоди умумии иштирокдорон қариб ҳазор нафарро ташкил дода, иштирокдорони аз ҳама бештарин дар намуди «Лалакпарронӣ» буданд, ки шумораашон ба 400 нафар мерасид.

Дар анҷоми мусобиқот, ки аз рӯи ду шарт - ҳайати даставӣ ва инфиродӣ гузаронида шуданд, ғолибон ва иштирокчиёни фаъол бо сипоснома ва тухфаҳои хотиравии Раёсати маорифи вилояти Суғд ва шаҳри Хуҷанд сарфароз гардиданд.

Ҳамчунин дар доираи тантанаҳои ҷашни Наврӯзи байналмилалӣ бо ибтикори раёсати кор бо ҷавонон ва варзиши вилоят дар ҳамдастӣ бо шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши шаҳри Хуҷанд бо иштироки қариб даҳ ҳазор нафар варзишгарону дӯстори варзиш ва толибилмону донишҷӯёни донишгоҳҳои маркази вилоят, инчунин дӯстдорони тарзи ҳаёти солим машқи пагоҳирӯзӣ ва дар назди Маҷмааи таърихию фарҳангии «Истиқлол» Дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ баргузор гардид.

**АМИТ "Ховар"**

# ИДОМАИ «ШОМИ ДӮСТӢ»

***Зимни тантанаҳои наврӯзӣ дар Самарқанд Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар бораи Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон бо меҳри зиёд сухан гуфт.***



Як гуруҳ зиёиёни вилояти Суғд дар тантанаҳои наврӯзӣ дар шаҳри Самарқанд ширкат намуданд. Ин тантанаҳо 21 март бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев баргузор шуданд.

Консерти «Шоми дӯстӣ»-ро, ки ба шарафи меҳмонони тоҷик дар тарабхонаи «Хонатлас»-и шаҳри Самарқанд баргузор гардид, муовини раиси вилояти Самарқанд оид ба туризм, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ Мӯнис Восиев оғоз бахшида, меҳмонони тоҷикро аз номи Шавкат Мирзиёев табрик гуфтааст. «Мардуми Самарқанд чун тамоми аҳолии Ӯзбекистон «Шоми дӯстӣ»-и Душанберо тамошо карданд ва ба ин воқеаи таърихӣ баҳои баланд дода, то ҳанӯз таҳти таъсири ин шодию нишот қарор доранд», - гуфтааст Мӯнис Восиев.

Аз номи намояндагони ҷониби Тоҷикистон ректори ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои таърих, профессор Ҷамшед Ҷӯразода ба сухан баромада, мардуми Самарқандро ва кулли сокинони Ӯзбекистони бародарро бо фарорасии Иди байналмилалии Наврӯз шодбош гуфт.

«Наврӯзи имсола Наврӯзи таърихӣ ва созанда ба ҳисоб меравад, зеро бо ибтикори Эмомалӣ Раҳмон ва Шавкат Мирзиёев таҳкими равобит байни халқҳои мо аз нав барқарор гардид. Ин тадбир имконият медиҳад, ки муносибатҳои дӯстонаи байни халқҳо боз ҳам тақвият ёфта, ба хотири таъмини пешрафти соҳаҳои гуногуни илму маърифат мо бо аҳли зиё ҳамкории судмандро ба роҳ монем», - изҳор дошт ӯ.

Раиси бахши суғдии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Шоири халқии Тоҷикистон Аҳмадҷони Раҳматзод аз таърихи пайвандҳои маънавии байни ду халқ, аз ҷумла, хизматҳои ҷофиласолори назми классикии тоҷик, устоди шоирони форсигӯй Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, ки дар рушди фарҳангу адабиёти тоҷикӣ ва мақоми давлатӣ касб намудани забони тоҷикӣ дар Самарқанду Бухоро хизматҳои беназир анҷом додааст, сухан гуфт.

Шеърхонии Шоири халқии Тоҷикистон Нурмуҳаммад Ниёзӣ, ҳунарнамоии аҳли фарҳангу ҳунари тоҷик Ҷӯрабек Муродов ва Насиба Узоқова сокинони Самарқанд ва меҳмонони ин шаҳри бостониро тасхир намуд.

21 март тантанаҳои Наврӯзӣ бо иштироки Президенти Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев дар Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Алишери Навоӣ ҷараён гирифт.

Ҳайати намояндагони вилояти Суғд дар якҷоягӣ бо ҳайати зиёиёни ӯзбек нахуст ҳамчун рамзи эҳтиром ба пояи муҷассамаи шоири бузурги тоҷик Абдураҳмони Ҷомӣ ва сардафтари адабиёти ӯзбек Алишер Навоӣ гулдастаи тару тоза гузоштаанд.

Шавкат Мирзиёев зимни суханронии худ дар бораи хизматҳои Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон дар рушди муносибатҳои дуҷониба, ташаббусҳои ҷаҳонӣ, истиқболи бародарона ва гарми Сарвари давлати Тоҷикистон ва мардуми тоҷик бо меҳри зиёд сухан гуфт.

Намояндаи вилояти Суғд Ҷамшед Ҷӯразода паёми табрикии ҷониби Тоҷикистонро ба мардуми кишвари Ӯзбекистон расонида, аз номи аҳли зиёи Тоҷикистон ба сарвари ҳар ду давлат барои сиёсати созанда изҳори сипос намудааст.

Хотиррасон менамоем, ки моҳи феврали соли 2010 Маҷмаи умумии СММ 21-уми мартро Рӯзи байналмилалии Наврӯз эълом дошта, аз тамоми давлатҳои узви Созмон даъват ба амал овард, ки ҳама кӯшиши худро баҳри густариши ин ҷашни бостонӣ дар кулли олам ба харҷ диҳанд.

***АМИТ «Ховар»***

*Бар диёрам ин замон, фасли баҳор ояд ҳаме,*
*Ҳам ғазал шеъру тарона, сад ҳазор ояд ҳаме.*

*Нағмаи кабки дарӣ, ҳам булбулони хушсадо,*
*Бо навои дилнавози чангу тор ояд ҳаме.*

*Мерасад шодӣ ба дил, аз пайки хушрӯзи баҳор,*
*Ҳусни хона, ҳусни меҳан, ҳусни ёр ояд ҳаме.*



# НЕКӢ БИМОНАД ҶОВИДОН

Некӣ хоси амали шахсони дурбину бофарҳанг ва босаводу донишманд буда, ба умри абад пайдо кардани инсон боис гаштааст. Маънои некӣ хуб, нағз, хуш рамзи амалу кирдори писандидаи одамон, яъне муқобили бад аст. Ҳар амале, ки бо диди нек анҷом пазирад, подошаш низ хуш мегардад. Некӣ аз шумори он ҳасоили ҳамидаи инсонист, ки тӯли таърих дар рафтору кирдори одамон зоҳир гашта, то имрӯз мисли як амали хайр мақоми шоиста дорад. Инсонҳои шарифу дурбин маҳз ба василаи некӣ номи худро ба олам ворид кардаанд. Барои иҷрои ин амали савоб ҷоннисорӣ ва аз худ гузаштанҳо лозим меояд. Новобаста ба он ки амали хуб мукофот мегирад ё на, мо бояд ба иҷрои корҳои шоиста иқдом намоем. Дар ин бора Абулқосими Фирдавсӣ гуфтааст:

***Биё, то ҷаҳонро ба бад наспорем,***
***Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.***

Мусаллам аст, ки некӣ новобаста ба тағйир ёфтани сохтори зиндагӣ, тарзи давлатдорӣ, паси сар гаштани қарнҳо ба сифати ахтари тобноки осмони тамаддун боқӣ хоҳад монд. Аз ин рӯ, ҳамаи моро зарур аст, ки дар ҳама ҳолат некӣ карданро фаромӯш насозем.

Доруи намурдан танҳо амали хайру савоб буда, давоми умри инсон ба ҳисоб меравад. Барҳақ шоир фармудааст:

***Доруи намурдан аст, мурдан хушном,***
***Ман қасди аҷалро зи амал мегирам.***

Пас, накӯкориву некандешӣ вазифаи муқаддаси ҳар сокини сайёра мебошад. Амалу кирдори шахси некандеш умри ҷовидона дорад. Корнамоиҳо ва созандагию бунёдкориҳои фарзандони асили миллат, бахусус сохтмончиёни асили Тоҷикистон имрӯз ҳамчун дарси маҳорату созандагӣ ба насли наврас омӯзонида мешавад.

***Давлатбӣ ШАРИПОВА,***
***Омӯзгори мактаби миёнаи №49-и***
***ноҳияи Фирдавсӣ***



# КОРҲОИ КАБУДИЗОРКУНӢ БО ИШТИРОКИ КОРМАНДОНИ КУМИТА

Бо омад-омади фасли баҳор ва барои дар сатҳи баланд пешвоз гирифтани ҷашни байналхалқии Наврӯз аҳли кормандони дастгоҳи марказии Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шанбегӣ баромаданд.

Дар ин рӯз намояндагони хадамоту раёсатҳои Кумита гирду атрофи бинои марказӣ ва гулгаштҳои назди онро тоза карда, дар кабудизоркунии назди роҳравҳо саҳм гузоштанд.

Тавре ба “Рӯзномаи бинокорон” хабар доданд, кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмон ва зерсохторҳои он беш аз 80 бех ниҳолҳои ороишиву мевадиҳанда шинониданд.

Ҳашари ниҳолшинонӣ тибқи нақшаи асосии ободонию бунёдкорӣ ва азнавсозии пойтахти кишвар - шаҳри Душанбе дар атрофи Кумитаи меъморӣ ва сохтмон , кӯчаи Ш. Ҳусейнзода майдони боғи Нишони давлатӣ сурат гирифта, ба хотири зебою озода кардани хиёбонҳои шаҳр дарахтони зиёди ороишию ҳамешасабз, ки ҳамзамон ба саломатии инсон фоида дошта, боиси болидахотирию руҳбаландии сокинону меҳмонон мегардад, шинонида шуд. Шуруъ аз рӯзҳои аввали фасли баҳор Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба хотири мусоидат ба беҳдошти ҳифзи табиат ва ободонии ҳар як гӯшаву канори мамлакат маъракаҳои умумии ниҳолшинонӣ ташкил менамоянд. Тавре огаҳӣ доред, чунин тадбирҳои созандагӣ рӯзҳои 2 феврал дар майдони Наврӯзгоҳи пойтахт ва 4 марти соли 2017 дар боғи “Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат” дар ноҳияи Хуросони вилояти Хатлон гузаронида шуд.



Супоришҳое, ки Сарвари давлат рӯзи 2 феврал ба Роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бобати боз ҳам обод кардани хиёбонҳо ва мавзеъҳои сайру гашти сокинон дода буданд, то имрӯз иҷро гардид. Ҳамон рӯз Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва масъулини дигар идораҳои давлатӣ барои омодагӣ ба ҷашни байналмилалии Наврӯз, доир ба тезонидани корҳои ободонию бунёдкорӣ, маъракаи ниҳолшинонӣ, тозаю озода нигоҳ доштани муҳити атроф, баҳри ободу зебо гардонидани гулгашту хиёбонҳо, Боғи Рӯдакӣ, боғу гулгаштҳои назди Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Парчам ва Нишони давлатии Тоҷикистон, хиёбони назди фурудгоҳ, майдони муҷассамаи Садриддин Айнӣ, инчунин роҳҳои марказии пойтахт дастуру ҳидоятҳо дода буданд.

Тавре маълум гардид, то имрӯз масъулини шаҳри Душанбе бо мақсади иҷрои ҳидоятҳои Пешвои миллат қад-қади дарёи Душанбе дар маҳалли Наврӯзгоҳи пойтахт ва дигар мавзеъҳо дарахтони зиёди ороишию сояафкан шинонидаанд.

## ҶОМӢ ВА НАВОӢ - РАМЗИ ДӮСТИИ БЕЗАВОЛИ ХАЛҚҲОИ ТОҶИКУ ӮЗБЕК

Мероси адабии шоирони барҷастаи адабиёти классикии халқҳои тоҷику ӯзбек - Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ тараннумгари дӯстиву рафоқат, бародарию ваҳдат ва дигар фазилатҳои неки инсонӣ мебошад. Ин нукта дар ҳамоише, ки дар Душанбе дар мавзӯи «Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ: рамзи дӯстиву рафоқати халқҳои тоҷику ӯзбек» доир гардид, зикр шуд.

Ҳамоиш бо ибтикори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон дода шуда, дар он олимон ва адабиётшиносони тоҷик ширкат доштанд. Ҳамоиши мазкур дар партави сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки рӯзҳои 9-10 марти соли равон доир гардид, гузаронида шуда, ҳадафаш тақвияти равобити илмию фарҳангии Тоҷикистону Ӯзбекистон аст.

Дар ҳамоиш директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Худобердӣ Холиқназар, Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Эргаш Шоисматов доир ба тавсеаи равобити мутақобилан судманди ду давлати дӯсту бародар - Тоҷикистону Ӯзбекистон сухан карда, сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба имзо расонидани 27 созишномаи байнидавлатиро гардиши муҳим дар самти равобити байнидавлатӣ миёни ду кишвари ҳамҷавор арзёбӣ намуданд.

Таъкид гардид, ки дар шаҳри бостонии Самарқанд пайкараи шоирони машҳури адабиёти классикии халқҳои тоҷику ӯзбек Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишери Навоӣ гузошта шудааст. Ҳамзамон дар пойтахти Тоҷикистон - шаҳри Душанбе боғе ба номи Алишери Навоӣ гузошта шуда, дар он пайкараи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ қомат меафрозанд, ки таҷассумгари дӯстии безаволи халқҳои тоҷику ӯзбек мебошад.

Дар ҳамоиш олимону адабиётшиносони шинохтаи тоҷик доир ба робитаҳои эҷодии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ, муносибатҳои дӯстонаи ду шоири шинохта ва мероси бойи адабии онҳо дар ташаккули адабиёти классикии ду халқи дӯсту бародар - тоҷику ӯзбек табодули назар намуданд.

Дар ҳамоиш Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Эргаш Шоисматов ба директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Худобердӣ Холиқназар китоби «Ҷомӣ ва Навоӣ»-ро ки дар Ӯзбекистон бо забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ ва русӣ нашр гардидааст, тақдим намуд.

***АМИТ «Ховар»***



***ЭШМИРЗОЕВ ИСМАТ ЭШМИРЗОЕВИЧ*** - собиқ Сардори шуъбаи дастгирии Ассотсиатсияи истифодабарандагони оби Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 марти соли 2018 дар синни 66-солагӣ аз олам чашм пӯшид.

Эшмирзоев Исмат Эшмирзоевич 10 марти соли 1952 дар шаҳри Қӯрғонтеппа (ҳоло Бохтар) таваллуд шудааст. Соли 1973 Институти хоҷагии қишлоқи Тоҷикистонро аз рӯи ихтисоси муҳандис-гидротехник хатм намуда, фаъолияти кории худро дар Колоннаи сайёри механиконидашудаи №1 тресті «Вахшводострой» (солҳои 1973-1980) ба ҳайси усто-саркор оғоз кардааст. Собиқаи кории Эшмирзоев Исмат минбаъд дар сохторҳои зерин бо вазифаҳои гуногун идома ёфтааст: Муовини аввали Раиси Кумитаи иҷроияи ноҳияи Коммунистии вилояти Қӯрғонтеппа (1980-1982), Сардори тресті Қӯрғонтеппаи «Мелиоводстрой»-и Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби РСС Тоҷикистон (1982-1986), Мудири шуъбаи сохтмон ва роҳбари дастгоҳи Кумитаи вилояти Қӯрғонтеппаи Партияи Коммунистӣ (1986-1990), Муовини аввали Раиси Кумитаи иҷроияи вилояти Қӯрғонтеппа (1990-1992), Муовини Вазири сохтмони Ҷумҳурии Тоҷикистон (1993-1994), Вазири мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (1994-1996), Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (1996-1999), Раиси Ширкати давлатии сохтмонии «Тоҷиксохтмон» (1999-2003), Муовини Вазири мелиоратсия ва хоҷагии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон (2003-2007) ва аз майи соли 2007 то охири умр дар вазифаи сардори шуъбаи дастгирии Ассотситсияи истифодабарандагони оби Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Аҳли кормандони Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даргузашти Эшмирзоев Исмат Эшмирзоевич андуҳгин шуда, ҳамдардии худро ба наздикону пайвандони марҳум баён менамоянд.

# ТАРТИБИ
# ГУЗАРОНИДАНИ ОЗМУНИ КУШОД БАЙНИ ШАХСОНИ ВОҚЕӢ ВА ҲУҚУҚИИ ВАТАНИЮ ХОРИҶӢ ДОИР БА ИНТИХОБИ БЕҲТАРИН ЛОИҲАИ АНГОРАВИИ МАҶМААИ МЕЪМОРИИ РАМЗИ «ИСТИҚЛОЛИЯТ ВА ОЗОДӢ» ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ БАХШИДА БА ҶАШНИ 30-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### *1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ*

***1.*** Тартиби мазкур шартҳои гузаронидани озмунро барои муайян намудани беҳтарин лоиҳаи ангоравии маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар шаҳри Душанбе бахшида ба ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.

***2.*** Озмун дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 декабри соли 2017, №968 «Дар бораи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти беҳтарин лоиҳаи ангоравии маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар шаҳри Душанбе, баргузор мегардад.

***3.*** Дар озмун шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ватанию хориҷӣ метавонанд иштирок намоянд. Шакли озмун кушода ва озод буда, дар як давр гузаронида мешавад.

***4.*** Баргузори озмунро Комиссияи ҷумҳуриявии озмун (минбаъд Комиссия) ташкил ва назорат менамояд.

### *2. ҲАДАФ ВА МАҚСАДИ ОЗМУН*

***5.*** Ҳадафи озмун амалӣ намудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ буда, бо ин мақсад бунёди маҷмааи меъмории рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» дар шаҳри Душанбе дар назар аст. Аз ин рӯ, барои дарёфти беҳтарин лоиҳа, ки муаррифгари таъриху фарҳанг, худшиносии миллӣ, арзишҳои миллӣ, дастовардҳои даврони Истиқлолияти давлатӣ, ваҳдати миллӣ, ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ ва рушди минбаъдаи устувори иқтисодӣ буда, ҷиҳати зебо ва ҷолиб намудани симои пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе мусоидат менамояд, озмун эълон карда мешавад.

Дар лоиҳаи ангоравӣ бояд мазмуну муҳтаво ва моҳияти рамзи «Истиқлолият ва Озодӣ» ифода ёбад. Тамоми маҷмаа бояд бо ҳамин ду мафҳум алоқаманд бошанд ва онҳоро ифода ва такмил диҳанд.

### *3. ВАКОЛАТҲО, ВАЗИФАҲО ВА ТАРТИБИ ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯ*

***6.*** Ҳайати Комиссия дар доираи Тартиби мазкур фаъолият намуда, вазифаҳои зеринро амалӣ менамояд:

- ташкил ва ҷамъбасти озмун;
- аз байни лоиҳаҳои пешниҳоднамудаи иштирокчиёни озмун интихоби беҳтарин лоиҳаҳои таҳияшуда ва муайян намудани сатҳи он;
- ҳангоми зарурат барои интихоби беҳтарин лоиҳаҳо ҷалб намудани коршиносони соҳа;
- мукофотонидани ғолибон;
- баррасии ҳолатҳои баҳсӣ ва муроҷиатҳои иштирокчиёни озмун.

***7.*** Комиссия дар доираи ваколатҳои худ дар асоси нишондиҳандаҳои Тартиби мазкур бо роҳи омӯзиши ҳуҷҷатҳои лоиҳавӣ ва гузаронидани ҷаласаҳо фаъолият менамояд.

***8.*** Ҷаласаҳои Комиссия дар сурати иштироки на камтар аз 2/3 ҳиссаи аъзои он салоҳиятдор ҳисобида мешаванд. Қарорҳои Комиссия бо роҳи овоздиҳии пинҳонӣ бо овозҳои аксарияти иштирокчиёни он (беш аз 50 фоиз) қабул мегардад. Дар ҳолати баробар будани овозҳо, овози Раиси комиссия ҳалкунанда мебошад. Протоколи ҷаласаи ҷамъбастии Комиссия аз тарафи Раис ва котиби он ба имзо расонида мешавад.

***9.*** Бо мақсади дар сатҳи баланд баргузор намудани озмун Комиссия дар доираи ваколатҳои вогузоршуда метавонад ҳангоми зарурат гурӯҳи корӣ аз ҳисоби коршиносони варзидаи соҳа, вазорату идораҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккулёфтаро ба кори Комиссия ҷалб намояд.

### *4. ВАКОЛАТҲОИ РАИСИ КОМИССИЯ*

***10.*** Раиси Комиссия дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- ба кори Комиссия роҳбарӣ намуда, вазифаҳоро байни муовини Раиси Комиссия ва аъзоёни Комиссия муайян ва тақсим менамояд;
- рӯзҳои баргузории ҷаласаҳои комиссияро таъин мекунад;
- аз рӯи зарурат аз ҳисоби коршиносони варзида гурӯҳи корӣ таъсис медиҳад;
- оид ба ҷараёни баргузории озмун, баррасӣ ва ҳалли мушкилоти бамиёномада бо тартиби муқаррааргардида, тадбирҳо меандешад.
- тавсияҳоро оид ба баргузории озмун қабул ва тасдиқ менамояд;
- ҳуҷҷатҳои расмии Комиссияро (протоколҳо, санадҳо, қарорҳо) тасдиқ менамояд;
- оид ба ҷараён ва натиҷаҳои баргузории озмун ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот пешниҳод менамояд.

### *5. ШАРТ ВА ТАЛАБОТИ ОЗМУН*

***11.*** Озмун дар асоси принсипҳои баробарии ҳуқуқ ва эҷоди озодона, нигоҳ доштани урфу одат, тарғиб ва ташвиқи арзишҳои миллӣ ва рушди санъати меъморӣ баргузор мегардад.

***12.*** Озмун бо истифодаи нишондиҳандаҳое, ки Тартиби мазкур пешбинӣ намудааст, бо дарназардошти таҳлили натиҷаҳо ва омӯзиши лоиҳаҳои пешниҳодшуда ва мувофиқат ба меъёрҳои муқарраргардида, сурат мегирад.

***13.*** Дар ҷараёни баргузорӣ ва ҷамъбасти озмун истифодаи усулҳои муосири санъати баланди меъморӣ аввалиндараҷа арзёбӣ гардида, фикру андешаҳои гурӯҳи корӣ, ки аз ҳисоби коршиносони варзидаи соҳа, вазорату идораҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳангоми зарурат ҷалб карда мешаванд, ба инобат гирифта мешаванд.

***14.*** Лоиҳа бояд фарогири арзишҳои таърихию фарҳангӣ ва таҷассумгари нишонаҳои давлатдорӣ бошанд, ҳамчун маҷмааи нодиру таъсирбахш мавриди коркарди бисёр дақиқ бо диду назари хосу фарққкунандаи зебоишиносии фарҳанги таърихию муосири тоҷик ва санъати баланди хоси шаҳрсозию меъморӣ таҳия карда шавад.

***15.*** Ободонии майдон ва атрофи он бо истифодаи гулу буттаҳо ва дарахтони ороишии ҳамешасабзи нодир тарҳрезӣ карда шуда, майдон ва роҳравҳои он бо услуби хос аз сангҳои табиии маҳаллӣ кошинкорӣ карда шаванд.

***16.*** Дар ин замина рукнҳои давлатдории миллӣ, ташаккули тафаккури таърихии халқ аз даврони бостон то замони Сомониён ва аз замони Сомониён то расидан ба Истиқлолияти давлатӣ ва озодии комил бояд ба инобат гирифта шавад. Махсусан, тавассути ҳофизаи таърихӣ ифода намудани баъзе рӯйдодҳое, ки унсури такмилдиҳии худшиносии халқ гардидаанд, бояд ба инобат гирифта шавад.

